# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи: «**Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара**», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз руи ихтисоси 05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ пешниход шудааст.

Зувайдов М.М. баъди хатми таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Данғара ба Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 аз рӯи ихтисоси "Сохтмони гидротехникӣ" хатм кардааст.

Зувайдов М.М. соли 2013 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар (собиқ Қурғонтеппа) ба номи Носири Хусрав ба ҳайси озмоишгар ва аз соли 2014 то ҳоло дар вазифаи омӯзгори кафедраи "Сохтмон" фаъолият намуда истодааст.

Дар давраи солҳои 2018-2019 аз рӯи самти ихтисос такмили касбиро оид ба таҳия ва ҳисобкунии конструксияҳои ба заминҷунбӣ тобовар бо мақсади истифодаи онҳо дар сохтмони иншооти гидротехникӣ ва обгузарон дар кафедраи "Иншоотҳои зеризаминӣ, асос ва таҳкурсиҳо"-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ гузашт.

Таҳқиқоти илмии Зувайдов М.М. асосан ба масъалаҳои зилзилатобоварии нақбҳои гидротехникии қисман бо об пуркардшуда бахшида шудааст. Дар рафти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ формулаҳои ҳисобкунии шиддатнокиҳо аз таъсири зилзилаҳо аниқ карда шуданд, ки онҳоро ҳангоми лоиҳакашии иншоотҳои гидротехникӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз рӯзи ба истифода додани нақби гидротехникии Данғара бо дарозии 13813м, 35 сол сипарӣ шудааст. Солҳои тулонӣ ин иншооти азими ирригатсионӣ гидротехникӣ беист истифода шуда, водии Данғараро бо оби нушокӣ ва обдиҳӣ таъмин карда истодааст. Имконияти максималии харҷи об бо нақб 100 м3\ с-ро ташкил менамояд, лекин дар ҳоли ҳозир харҷи максималии об дар давраи обдиҳӣ, ҳамагӣ 20-25м3/с мебошад.

Дараҷаи омодагии касбӣ ба ӯ имкон дод, ки дар ҳалли масъалаҳои мураккаб усулҳои муосири аппарати математикӣ ва технологиро истифода барад.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ Зувайдов М.М. худро ҳамчун шахси мустақилона масъалагузорӣ, таҳлилнамоӣ ва хулосабарориро дар дараҷаи талаботи касбӣ нишон дода, анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ, назариявӣ

ва гузаронидани корҳои таҷрибавиро дар соҳаи касби интихоб карда-шуда дар дараҷаи олӣ аз худ кард.

Қайд бояд кард, ки мавзӯи кори диссертатсионӣ бо чунин барномаҳои калони илмии давлатӣ ва лоиҳаҳои таҳқиқотӣ илмӣ марбут мебошад: «Арзёбии зарурати ноил шудан ба «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРҲ)» дар Тоҷикистон (2018-2028)»; «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2016-2022»; «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»; «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025»; (фасли «Сохтмон ва саноати сохтмон»); «Обтаъминкунӣ ва беҳдошт дар деҳот барои солҳои 2018-2028» (минтақаи вилояти Хатлон)».

Натиҷаҳои фаъолияти илмии Зувайдов М.М. дар маҷаллаҳои гуногуни тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда, дар конфронсҳои илмию амалии донишгоҳӣ ва байналмилалӣ маъруза гардидаанд.

Чунин мешуморам, ки диссертатсияи анҷом додашуда дар мавзӯи «Ҳолати техникӣ -– коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» ба талаботи муқаррароти Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон созгор буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ мебошад.

Мушовири илмӣ:
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Абдуллоев С.С.

Имзои Абдуллоев С.С.- ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.
“03” 01 2024 с.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС